«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.

________________

«05» 06 с. 2021

# ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Алиев Фарух Шарифович соли 2012 Донишгоҳои миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2012 то соли 2018 ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷаратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият дорад.

Алиев Фарух Шарифович дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷаратӣ ва зиддикоруппсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Аз рӯи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ сабаби тағийрот дар тамоми соҳаҳои ҳаёт – иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардид. Дар ин ҳолат як қатор мушкилоти шадиди иҷтимоӣ ба миён омаданд, ки яке аз онҳо масъалаи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии насли ҷавон мебошад.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки бинобар сабабе, ки бештари аҳолии кишварро ҷавонон ташкил медиҳанд, онҳо бояд аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷамъиятӣ омӯхта шуда, роҳҳои дурнамои рушди маънавиёти ҷавонон муайян карда шавад. Вобаста ба ин, илми ҳуқуқро низ зарур аст, ки дар масъалаҳои тарбияи ҳуқуқии ҷавонон, шуури ҳуқуқии онҳо ва дар маҷмӯъ фарҳанги ҳуқуқии ин қишри аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода, роҳҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро коркард намояд.

Дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолиро тақозо менамояд. Чунки волоияти қонун, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дарки масъулияти шаҳрвандӣ, танҳо дар ҳолати сатҳи волои фарҳанги ҳуқуқӣ ба миён меояд. Маҳз, бо ҳамин мақсад таҳлили роҳҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро муаллиф мубрам арзёбӣ мекунад.

Муҳаққиқ аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибоси бамаврид овардааст: «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад».

Ҷомеаи Тоҷикистон дар тӯли таърихи худ мунтазам ба мушкилоти рафтори ҷавонон, ки ба меъёрҳои иҷтимоии умумиқабулшуда ё расман

муқарраршуда мувофиқат намекарданд, диққати махсус медод. Мушкилоти фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон низ дар Тоҷикистон солҳои охир аҳамияти миллӣ пайдо карда, ҳалли фавриро талаб мекунанд. Зеро дар ҷомеаи муосир падидаҳои номатлуб, ба монанди ифротгароии ҷавонон, ҷинояткории ҷавонон то рафт васеъ паҳн гардида истодаанд. Муаллиф омори ҷинояткории ҷавононро пешкаш намудааст, ки чунин аст: дар соли 2016, 16317 ҷиноят дар маҷмӯъ содир шудааст, ки аз ин шумора 6515 ҷиноят аз ҷониби ҷавонон содир гардидааст. Дар соли 2017 бошад, 15280 ҷиноят содир гардидааст, ки аз ин 5979 ҷиноятро ҷавонон содир намудаанд. Соли 2018 сатҳи ҷинояткорӣ каме боло рафта, дар умум 16258 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 5762 ҷиноят аз ҷониби ҷавонон содир гардидааст. Дар соли 2019 бошад, 16966 ҷиноят дар маҷмӯъ содир гардидааст, ки аз ин миқдор 5972 ҷиноят аз тарафи ҷавонон содир гардидааст.

Омӯзиш ва баррасии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити имрӯза муҳим буда, интихоби мавзӯи мазкур аз ҷониби муаллиф ва пажӯҳиши минбаъдаи онро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ-назарявӣ ногузир гардонидааст. Омӯзиш ва баррасии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон на танҳо амали зарурӣ, балки фаъолиятест, ки дар рушди фаҳанги ҳуқуқии ҷавонон як такони бузург медиҳад.

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки дар он тамоми ҷанбаҳо ва масъалаҳои фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон омӯхта шуда бошанд, ҷой надорад. Масъалаҳои фарҳанги умумии ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон, тарбияи ҳуқуқӣ аз тарафи як қатор муҳаққиқон, ба монанди: Э.С. Насриддинзода, Р.Ш. Сотиволдиев, А.Ғ. Холиқзода, Ф.Т.Тоҳиров, Ҷ.З. Маҷидзода, Ҷ. Саъдизода, Р.М. Раҷабзода, Ш.С. Ҳамроев, О.В. Кравченко, В.П. Салников, З.Н. Каландаришвили ва дигарон таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар таҳқиқу пажӯҳиши падидаи фарҳанги ҳуқуқӣ Э.С. Насриддинзода ва Ҷ. Саъдизода саҳми бештареро гузоштаанд.

Дар рисола ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар доираи ин таҳқиқот

муаллиф ба масъалаҳои мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва масъалаи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, ватандӯстӣ ҳамчун унсури фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, ҳеҷангории (нигилизм)-и ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон ва омилҳои ба он мусоидаткунанда, нақши сиёсати ҳуқуқӣ дар болобурди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, нақши қонунгузорӣ дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ва масъалаи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон диққати махсус равона намудааст.

Унвонҷӯ мубрамияти амалии мавзӯъро дар он мебинад, ки аз се ду ҳиссаи аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ин қишри аҳолӣ дар раванди бунёди давлати ҳуқуқбунёд самаранок мебошад.

Сабаби асосии интихоби мавзӯи рисоларо муаллиф ба таҳлилу баррасии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва дар асоси он дарёфти роҳу воситаҳои гуногуни боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста медонад.

Муҳаққиқ мавзӯи фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва роҳҳои баланд бардоштани онро ошкор кардааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш намудааст.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар таҳқиқоти таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Пажӯҳишгар Алиев Ф.Ш. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро мавриди таҳқиқ қарор додааст, аз ҷумла хулосаҳои муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асос ёфтаанд.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- муайян намудани мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқии

ҷавонон;

- таҳқиқ ва таҳлили фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва масъалаи ташкили давлати ҳуқуқбунёд;

- таҳлили ватандӯстии ҷавонон ҳамчун унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;

- таҳқиқи хеҷангории ҳуқуқӣ ҳамчун омили зидди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;

- муайян намудани аҳамияти сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;

- муайян намудани нақши таълим ва тарбия дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;

- муайян намудани дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;

- манзур намудани пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**[1–М].** Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва масъалаи ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Алиев Ф.Ш. // Паёми Донишгоҳи тавлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. №2 (31) – С. 225-230.

**[2–М].** Алиев Ф.Ш. Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун омили зидди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / Алиев Ф.Ш. // Паёми Донишгоҳи тавлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. №4 (33) – С. 228-233.

**[3–М].** Алиев Ф.Ш. Дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Алиев Ф.Ш. // Паёми Донишгоҳи тавлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №2 (36) – С. 72-78.

**[4–М].** Алиев Ф.Ш. Нақши қонунгузорӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / Алиев Ф.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. №1 – С. 265- 271.

**[5–М].** Алиев Ф.Ш. Нақши тарбияи ҳуқуқӣ дар болобурди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / Алиев Ф.Ш. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. № 1 (21 ). – Душанбе, 2021. – С. 14-20.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**6–М].** Алиев Ф.Ш. Пайдоиш ва ташаккули ақидаи давлати ҳуқуқбунёд [Матн] / Усмонов Ф., Алиев Ф.Ш. // Маводҳои конференсияи илмию назариявии ҳайати илмию омӯзгорӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028 (ш. Душанбе, 18-23 июни соли 2018). – Душанбе: ДДТТ, 2018. – С. 386-389.

**[7–М].** Алиев Ф.Ш. Функсияҳои фарҳанги ҳуқуқи ҷавонон / Алиев Ф.Ш. // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 395-399.

**[8–М].** Алиев Ф.Ш. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд / Алиев Ф.Ш. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №1 (1). – Душанбе, 2019. – С. 13-18

**[9–М].** Алиев Ф.Ш. Нақши сиёсати давлатии ҷавонон дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд / Алиев Ф.Ш. // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию

амалӣ бахшида 70-умин солагарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2019. – С. 110-112

**[10–М].** Алиев Ф.Ш. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкорон [Матн] / Алиев Ф.Ш. // 20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводҳои конференсияи якуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи «Ҳуқуқ ва иқтисод», 11 октябри соли 2019. / Зери таҳрири д.и.ҳ. Меликов У.А., н.и.ҳ. Кудратов Н.А. – Душанбе: «ДДТТ», 2019. С. – 132 – 135.

**[11–М].** Алиев Ф.Ш. Нақши тарбияи ватандӯстӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / Алиев Ф.Ш. // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 280-288

**[12–М].** Алиев Ф.Ш. Аҳамияти сиёсати ҳуқуқӣ-давлатии ҷавонон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд. / Алиев Ф.Ш. // Маводҳои конфронси дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ», 28 майи соли 2021 / Зери таҳрири д.и.ҳ. Меликов У.А., н.и.ҳ. Кудратов Н.А. – Душанбе, 2021. – С. 111-114.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 10/1 аз 4-уми июни соли 2021.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саъдизода Ҷ.

**Котиби ҷаласа:** Бобозода У.Э.

Имзои Саъдизода Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«04» 06 2021